**Хулосаи**
**комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Аз 15 апрели соли 2019** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** Муродов М. Б. д.и.ф., профессор (раис)
Абдуллозода М. д.и.ф., профессор (узви комиссия)
Азимов А.Х. д.и.ф., профессор (узви комиссия)

Аъзои комиссияи ташхис диссертатсияи номзадии Саидзода Обидҷон Саидро дар мавзӯи "Махсусияти таблиғи адабиёт ва санъат дар осори савтии радиои "Тоҷикистон" муҳокима намуда, ба чунин натиҷа расиданд.

Диссертатсия таҳқиқи осори савтии радиои "Тоҷикистон" дар мисоли гуфторҳои калонҳаҷми хониши роману повест, достонҳои ҳамосии классикӣ, гӯрғулихониҳо, радиомазҳакаҳо, радиотеатрҳову радиоинсенировкаҳоро фаро гирифтааст. Дар он хусусиятҳои мавзӯӣ, жанрӣ ва ҳунарии хонишҳои бадеӣ, намоишномаҳои радиоӣ, маҳфилҳои адабӣ, инсенировка ва пйесаҳои радиоӣ дар алоқамандӣ бо мавзӯъҳои гуногуни давру замон, омилҳои таъсиррасон ба шунаванда, корбасти аносири ҳунарӣ ва эҷодӣ таҳқиқу таҳлил шудааст.

Муаллиф зимни омӯзиш ва таҳқиқу таҳлили мавзӯъ имкон пайдо кардааст, ки доир ба қонунияти шакливу сохторӣ, нақши осори савтӣ (аудиоӣ) дар ташаккули афкори ҷомеа, тарғиби ғояҳои умумибашарию миллӣ маълумоти амиқи илмӣ ҳосил намояд, вижагиҳои муаммои характер ва тасвири олами ботинии қаҳрамонон, нақши ровӣ дар хонишҳои адабиву бадеӣ, ҳунари қиссагӯиву афсонахониро муайян кунад, таносуби матну мусиқӣ, овозу лаҳнро нишон диҳад. Ин усул аҳамияти мавзӯи диссертатсия ва таҳқиқи онро бозгӯ мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқотро бо он асоснок карда метавонем, ки масъалаи пайдоиш, ташаккул ва инкишофи барномаҳои саҳнавии радиоӣ, бахусус гуфторҳои адабӣ-драмавии радиои "Тоҷикистон" дар илми журналистикаи тоҷик то имрӯз омӯзишу таҳқиқи диссертатсионӣ қарор

нагирифтааст. Дар диссертатсия бори аввал кӯшиш шудааст, ки доир ба масъалаи таҳаввули барномаҳои саҳнавии радиоӣ, гуфторҳои адабӣ, бавижа хусусиятҳои мундариҷавӣ, ғоявию бадеии осори савтӣ ва ташаккули жанрҳои он пажӯҳиши мукаммал ба анҷом расад.

Диссертант дар таҳқиқи мавзӯъ аз ҷузваҳо ва бастаҳои барномаҳои марҳилаҳои гуногун, сабти лентаҳои хонишҳои адабиву бадеӣ, маҳфилҳои адабӣ, гуфторҳои адабӣ барои атфол, фарҳангиву мусиқӣ фаровон истифода кардааст.

Пажӯҳиши мавзӯъ дар такя ба методҳои маърифати назарӣ ва амалии таҳқиқ – таҳлили муқоисавӣ, мушоҳида, хулосабарориҳои индуктививу дедуктивӣ ва натиҷагириҳи оморӣ шакл гирифтааст. Осори назарии донишмандони ватаниву хориҷӣ ба мисли Ю.Д. Бараневич, М. Микрюков, А. А. Шерел, В. Асрорӣ, М. Шакурӣ, Н. Нурҷонов, А. Низомов, М. Табаров, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, Б. Камолиддинов, П. Гулмуродзода, А. Азимов, М. Муқимов, М. Муродов, М. А. Абдуллозода, Ш.Б. Муллоев, С. Хоҷазод, С. Гулов ва дигарон сохтори методологии таҳқиқро таъмин намудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ дар се боб ва 6 фасл тасниф шуда, дар маҷмӯъ ҷанбаҳои гуногуни масъаларо фаро гирифтааст.

Диссертатсия арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ дошта, барои таҳқиқи масоили радиожурналистикаи тоҷик судманд аст. Он метавонад ҷанбаҳои назарии радиожурналистикаро нисбатан пурра гардонида, барои таҳқиқотҳои ояндаи ин соҳа ҳамчун манобеи илмӣ истифода гардад.

## Хулоса

1. Диссертатсияи Саидзода Обидҷон Саид дар мавзӯи “Махсусияти таблиғи адабиёт ва санъат дар осори савтии радиои “Тоҷикистон” кори илмии анҷомёфта буда, мундариҷаи он ба ихтисоси 10.01.10 – журналистика, ки шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, мувофиқат мекунад.

2. Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф (12 адад), ки 6-тои он дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилгардида мебошад, мазмуни асосии рисоларо инъикос мекунанд. Ҳаҷми умумии корҳои интишоршуда 2 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

3. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну мухтавои диссертатсияро фаро гирифтааст.

4. Диссертатсияи Саидзода Обидҷон Саид барои ҳимоя ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 пешниҳод карда шавад.

5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия карда шаванд:

– Хоҷазод Саидмурод, доктори илмҳои филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

– Раҳимов Абдураҳим, номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон.

–Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҳамчун муассисаи пешбар тавсия карда шавад.

Раиси комиссияи ташхис д.и.ф., профессор Муродов М. Б.

Аъзои комиссияи ташхис д.и.ф., профессор Абдуллозода М.
д.и.ф., профессор Азимов А. Х.